## ХУЛОСАИ НИҲОИИ

Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-046 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» оид ба кори диссертатсионии Носирова Машҳура Негматовна дар мавзӯи "Ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ дар макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)

**Парвандаи аттестатсионии №____**
Қарори Шӯрои диссертатсионӣ
аз “1” марти соли 2023, №3

**“Оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ ба шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон Носирова Машҳура Негматовна”.**

Диссертатсияи Носирова Машҳура Негматовна дар мавзӯи "Ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ дар макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз рӯйи ихтисоси 13.00.08- Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ), дар ҳукми дастнавис барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ барои ҳимоя санаи 20.12.2022 сол, суратмаҷлиси №8 аз ҷониби Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-046 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» воқеъ дар суроғаи 735700, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1) ба ҳимоя қабул карда шудааст. (фармоиши КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №124 аз 31 марти соли 2022).

Мавзӯи кори диссертатсионии Носирова Машҳура Негматовна дар маҷлиси Шӯрои олимони МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” тасдиқ шудааст. (Протоколи №12 аз 31.05. 2018 с.). Диссертатсия дар маҷлиси васеи Шӯрои олимони факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсуси МДТ “ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” ба ҳимоя тавсия гардидааст (суратмаҷлиси №4 аз 26.11.2022 с.)

**Роҳбари илмӣ:** Азизов Абдулатиф Абдуҳалимович - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи технология ва методикаи таълими они МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”

## МУКАРРИЗОНИ РАСМӢ:

**Шаропов Шавкат Аҳмадович** – узви Шӯро, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”.

**Сангов Нуриддин Набиевич -** номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи фанҳои умумитехникӣ ва мошиншиносии МДТ “Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ”

## МУАССИСАИ ПЕШБАР

**Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон** дар тақризи худ аз 23.01.2023, суратмаҷлиси № 9, ки онро мураттиби тақриз - эксперт – н.и.п., ходими пешбари илмӣ, муовини директор оид ба корҳои илмии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Туронов С.Ш. имзо карда, директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Нажмиддиниён Асадулло Мирзо тасдиқ карда, ба диссертатсия баҳои мусбат дода, қайд намудааст, ки дар замони муосир корҳои касбинтихобкунӣ бояд ба он нигаронида шуда бошад, ки инкишофи майлу рағбатҳо бар хилофи эҳтиёҷоти хоҷагии халқ набуда, сохторан вазъи иқтисодии мамлакатро инъикос ва дар тарбияи иқтисодии шаҳрвандон мусоидат намоянд. Зеро аснои иҷрои амалҳои меҳнатӣ ва идоракунии равандҳои технологии истеҳсолот, ташкилоту муассисаҳо, ташкили меҳнати самарабахш, харҷи сарфакоронаи сарватҳои моддӣ, сарфаи мақсадноки вақти корро ёд мегиранд. Ҳосилнокии меҳнат, арзиши аснои маҳсулотро азхуд карда, бо шаклҳои пардохти музди меҳнат шинос мешаванд, ки ҳамаи ин ба интихоби бошууронаи касб вобастагӣ дорад.

Натиҷа ва нуктаҳои навини илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Рисолаи илмии Носирова Машҳура Негматовна кори тадқиқотии анҷомёфтаи илмиву тахассусӣ буда, ба талаботи Низомнома “Оид ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ»-и КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 –юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад

Диссертант аз рӯи мавзӯи диссертатсия 12 мақолаи илмӣ интишор намудааст, ки аз он 6 мақола дар нашрияҳои тақризии бонуфузи аз ҷониби Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Руссия тавсияшуда, 1 китоби дарсӣ таҳти унвони “Касбинтихобкунӣ” ба табъ расидааст.

Интишороти муҳимтарини муаллиф доир ба мавзӯи тадқиқшаванда:

[1-М]. Формирование профессиональной ориентации подрастающего поколения. / **М.Н. Насырова**, М.Д. Мирзоходжаев // Вестник Таджикского национального университета (Научный журнал) №8, Душанбе 2018. - С. 223-226.

[2-М]. Профессиональное самоопределение школьников и пути его развития в современных условиях. / **М.Н. Насырова,** М.Ф. Камолова, А.А. Азизов // Вестник Таджикского национального университета (Научный журнал) №8, Душанбе 2018. - С. 178-181.

[3-М]. Знание студентов о профессиональном самоопределении школьников и пути его развития в современных условиях. / **М.Н. Насырова**, М.Ф Камолова, А.А. Азизов // Вестник Таджикского

национального университета (Научный журнал) №3, Душанбе 2019. - С. 219-222.
[4-М]. Исследование профессиональной направленности личности в целях профориентации. /**М.Н. Насырова** // Вестник Таджикского национального университета (Научный журнал) №4, Душанбе 2019. - С. 299-303.
[5-М]. Современные педагогические средства в формировании профориентационной компетентности будущих учителей (трудовое обучение) / **М.Н. Носирова,** М.А. Дадобоева, А.А. Азизов // Научный журнал «Учёные записки». Серия гуманитарно-общественных наук №2 (63),- Худжанд 2020. - С. 143-148.
[6-М]. Проблемы профориентационной работы и профессионального самоопределения школьников в современных условиях. / **М.Н. Носирова** // Вестник Таджикского национального университета (Научный журнал) №1, Душанбе 2022. - С. 160-165.
[1-М]. Касбинтихобкунӣ / А.А. Азизов, М.А. Дадобоева, **М.Н. Носирова** // Китоби дарсӣ. Нашриёти “Нури маърифат”. Хуҷанд 2020. -292 с.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳо** аз тарафи шахсони зерин ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудааст:

**Тақризи** 1. Аз мудири кафедраи методикаи таълими технология ва соҳибкории МДТ “Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ” н.и.п., дотсент **Самиев Т.А.**

**Тақризи 2.** Аз номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон **Давлатова Ч.А.**

**Тақризи** 3. Аз номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, и.в. мудири кафедраи методикаи таълими технологияи МДТ “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” **Алламуродов Б.Н.**

**Тақризи** 4. Аз номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи забонҳои тоҷикӣ ва русии МДТ Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон **Манонова Р.А.**

**Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар** дар асоси қарори Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-046, аз «20» декабри соли 2022, №8 мувофиқи талаботи Низомнома “Оид ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ»-и КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 – юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст,асоснок гардидааст.

**Тибқи натиҷаи ҳимояи кушод шӯрои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ корҳои зерин иҷро шудаанд:**

-мундариҷаи ҳадафҳои таҳсилот ошкор гардид, ки ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони ояндаро ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ таъйин мекунанд;

-чашмандоз ва омӯзиши таърихи пайдоишу инкишофи ҳунармандӣ ва зуҳури касбҳои халқи тоҷик ва халқҳои дигари Осиёи Миёна аз сохти ҷомеаи ибтидоӣ то рӯзҳои мо амалӣ гардид;

-тавзеҳи мафҳуми “корҳои касбинтихобкунӣ” барои омӯзгорони фаннии фаъолияткунанда ва донишҷӯён, яъне омӯзгорони оянда пешниҳод

шуд, ки қисми таркибии ташаккули муназзами шахсиятӣ-касбӣ буда, барои инкишофи фаъолияти нақши фаъолонаи хонандагон дар худмуайянкунии касбӣ нигаронида шудааст ва аз ҷузъҳои ангезишӣ (мотиватсионӣ), когнитивӣ, амалиётӣ-фаъолиятӣ, эмотсионалӣ-иродавӣ, баҳодиҳанда иборат аст;

-амсилаи коркард ва озмудашудаи ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ ва муассисаҳои олии касбӣ ба дидгоҳҳои шахсиятӣ-фаъолиятӣ ва салоҳиятнокӣ асос ёфта, имкон медиҳад, ки сатҳи самаранокии омодагии омӯзгорони оянда ба фаъолияти корҳои касбинтихобкунӣ баланд бардошта шавад;

-методикаи ташаккули салоҳиятнокии касбии омӯзгорони оянда, ки аз ҷониби диссертант коркард шуд, барои инкишофи муносибати ангезишӣ - арзишпазирона ба фаъолиятиояндаи корҳои касбинтихобкунӣ мусоидат намуда, сатҳи фаолиятнокии корҳои касбинтихобкунии онҳоро баландтар менамояд; таҷрибаи фаъолияти корҳои касбинтихобкуниро афзун карда, инкишофи рефлексия ва худбаҳодиҳиро таҳрик мебахшад;

-мундариҷаи ҳадафҳои тарбиявӣ муайян карда шуд, ки дар ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ амалӣ мегардад;

-методҳои асосии ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорониояндаи фаннӣ ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ ифода ёфтанд;

-сифатҳои шахсиятие ба назар гирифта шуданд, ки ба ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорониояндаи фаннӣ ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ таъсир мерасонанд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок шудааст, ки дар он:**

- ошкор намудани омилҳои баланд бардоштани сатҳи самаранокии ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда дар ташкили корҳои касбинтихобкунӣ, нигаронида шудани раванди таҳсилот барои азхудкунии фаъолона ва асоснокии низоми донишу малакаҳои корҳои касбинтихобкунӣ аз ҷониби донишҷӯён, ворид намудани ҷанбаҳои корҳои касбинтихобкунӣ ба омодагии умумигуманитарӣ ва умумикасбии омӯзгорони фаннӣ, ба мундариҷаи таълим дохил кардани китоби дарсии муаллифи диссертатсия таҳти унвони "Касбинтихобкунӣ", дар раванди таҳсил истифода бурдани технологияи бозиҳои интерактивӣ, ташвиқ намудани омӯзгорони оянда ба худомӯзӣ ва худинкишофдиҳии мутахассис, интихоби методикаи ташхис барои сатҳи ташаккулёбии салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ, ки ба рушди сифатҳои шахсиятӣ-касбии омӯзгорони оянда мусоидат мекунад.

**Боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот дар он аст, ки:** бо хусусияти илмии матлабҳо, хулосаҳо ва тавсияҳо; амиқии асосҳои назариявӣ-методологӣ; мувофиқати методҳои таҳқиқот; такя ба мутобиқати тавсифии натиҷаҳои ба даст омада; таҳлили кори муаллиф ба сифати омӯзгор; имконияти такрори натиҷаҳои кори таҷрибавӣ-озмоишӣ дар шароити ҳаммонанд таъмин карда мешавад.

**Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки**

- китоби дарсии «Касбинтихобкунӣ» коркард шуда, дар амалияи раванди таълими макотиби таҳсилоти олӣ ҷорӣ гардид;

- шаклҳо ва методҳои корҳои касбинтихобкунии омӯзгорони оянда коркард шуданд: бозиҳои корӣ, маҷмӯи масъалаҳо оид ба вазъияти худмуайянкунии шахсӣ ва корҳои касбинтихобкунӣ ва ғ.;
- методикаҳои ташхис барои таҳқиқи сатҳи ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ «Тест-пурсишнома барои муайян намудани сатҳи худбаҳодиҳӣ», «Пурсишномаи худмуайянкунӣ» интихоб гардиданд;
- маводи дар рафти таҳқиқот коркардшуда (барномаи фанни интихобии «Касбинтихобкунӣ», методикаи муайянкунии сатҳҳои ташаккулёбии салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ, супоришҳои тестӣ оид ба санҷиши корҳои касбинтихобкунӣ ва ғ.) метавонанд дар омодагии педагогҳо дар макотиби таҳсилоти олӣ, донишкадаҳои такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф, муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ, нуктаҳои машваратии корҳои касбинтихобкунӣ, марказҳои шуғли аҳолӣ истифода шаванд.

**Саҳми шахсии диссертант бо он муқаррар мешавад, ки аз ҷониби ӯ:** натиҷаҳои илмие ба даст оварда шуданд, ки дар диссертатсия ва маводи интишорёфта баён гардида, дар асоснокунии назариявӣ ва илмӣ-амалии муаммо ва ҳалли он зоҳир мешаванд.

Диссертатсия масъалаҳои асосии ҳадафҳои таҳқиқот - ҳалли чунин ихтилоф аст, ки аз як тараф, талабот барои муайян намудани асосҳои назариявӣ ва роҳҳои амалии ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ ба вуҷуд омадааст, аз тарафи дигар - нокифоя будани коркарди илмии масъалаи мазкур мебошад, ки ба меъёри ягонагии дохилӣ мутобиқ аст, дар бар мегирад ва боэътимодии он бо пояи мустаҳками методологӣ, нақшаи саҳеҳи коркарди мунтазами илмӣ ва хулосаҳои мантиқӣ арзёбӣ шудаанд.

Аз ҷиҳати мазмун диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мутобиқат мекунад.

Ҳангоми овоздиҳии пинҳонӣ шӯрои диссертатсионӣ дар ҳайати 8 нафар, аз онҳо 7 нафар доктори илм, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсияи баррасишаванда 6 нафар, чунин натиҷагирӣ шуд:

тарафдори додани дараҷаи илмӣ - 8 нафар,
муқобили додани дараҷаи илмӣ –нест,
бюллетенҳои беэътибор -нест

Шӯрои диссертатсионӣ дар маҷлиси худ аз санаи 1 марти соли 2023 ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Носирова Машҳура Негматовна дар мавзӯи "Ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ дар макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон" кори таҳқиқотии анҷомёфтаи илмиву тахассусӣ буда, ба талаботи Низомнома “Оид ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ»-и КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 –юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, комилан ҷавобгӯ мебошад ва дар ин замина

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Ҳимояи Носирова Машҳура Негматовна дар мавзӯи "Ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ дар

макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) ба инобат гирифта шавад.

2. Дар асоси овоздиҳии пинҳонии аъзоёни Шӯро (“тарафдор”-8 нафар, “зид”-нест, “бюллетенҳои бекоршуда”-нест), диссертатсияи Носирова Машҳура Негматовна дар мавзӯи "Ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ дар макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) ба талаботи пешгузоштаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй ҳисобида шавад.

3. Хулосаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-046 дар назди МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” дар мувофиқа бо Низомнома “Оид ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ»-и КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 –юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст,қабул карда шавад.

4. Аз КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки хулосаи Шӯроро тасдиқ намояд ва ба Носирова Машҳура Негматовна дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ дода шавад.

**Раисикунандаи маҷлиси Шӯрои диссертатсионӣ, муовини раиси шӯрои диссертатсионии 6D КОА 046 - и назди МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”**
**д.и.п., профессор** **Исломов О.А.**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионии 6D КОА 046 - и назди МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”**
**д.и.п., дотсент** **Абдуллоева М.А.**

**01.03.2023 с.**